# РӮЗИ МОДАР МУБОРАК, ҲАМВАТАНОН!


# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад
ШАНБЕ 10 марти соли 2018
№10-11 (8270)

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён


## ТАБРИКОТИ РАИСИ НОҲИЯ ЗАФАР ФАЙЗУЛЛОЗОДА БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МОДАРОН

**Ҷашни расмии давлатӣ эълон шудани Рӯзи Модар дар Тоҷикистон гувоҳи равшани мақому манзалати баланди Шумо модарони азиз дар ҷомеаи мо мебошад. Дар ин рӯзи мубораку хуҷаста, ки ба оғози зеботарин фасли сол баҳори шукуфо ва арафаи бузургтарин ҷашни миллиамон Наврӯзи оламафрӯз баробар омадааст, тамоми заноли ноҳияро самимона табрику таҳният гуфта, барояшон хушбахтиву иқболи нек, толеи баланд ва рӯзгори ободу осударо орзу менамоям.**



Воқеан, модарону хоҳарони гиромии мо таранумгари зебой, нигаҳдорандаи меҳру муҳаббат ва идомабахши анъанаҳои неки гузаштагонамон буда, дар замири фарзандон меҳри Ватан, падару модар, эҳтироми калонсолон ва арҷ гузоштан ба инсониятро ҷой медиҳанд ва онҳоро чун боғбони насли одамӣ парвариш менамоянд.

Меҳри модари мушфиқу ғамхор барои ҳар як фарзанд аз оғӯши гаҳвора ва айёми тифлӣ оғоз ёфта, ӯро то лаҳзаҳои вопасини умр раҳнамой мекунад ва мадору қувват медиҳад.

Яъне бӯи биҳиштии модар ва лаззати шири поку сафедаш аз машоми фарзанд ҳаргиз дур намешавад.

Имрӯз бо қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки занону модарони мо дар ҷомеа мақому мавқеи сазовор доранд ва арзишҳои оиладорӣ, инсонӣ ва миллиро дар миёни фарзандони худ ва ҷамъият бо масъулияти баланд тарғиб менамоянд.

Тавре аён аст, дар замони соҳибистиқлолии мамлакат ҷиҳати баландбардории мақоми занон дар ҷомеа, ҷалби занону духтарон ба мақомҳои роҳбарикунанда, таъмини онҳо бо ҷойҳои корӣ ва амсоли инҳо бо роҳбарии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои шоиста роҳандозӣ гардида, баҳри дастгирии онҳо ҳамчун тарбиятгари насли воқеан давронсози миллат, нигаҳдорандаи расму оинҳои миллӣ, ҳидоятгари ҷомеа ба фардои ободу дурахшон ва сутуни хонадон аҳамияти бе андоза зоҳир гардида истодааст. Ин иқдомҳои наҷиб ва шиоста бори дигар кулли бонувон, модарони азизро дар самти иҷрои рисолати пуршарафи тарбияи дурусти фарзандон дар руҳияи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳисси хештаншиносиву худогоҳӣ ва таҳкими сулҳу суботи комили ҷомеа, пойдории оилаҳо ва саҳмгузорӣ дар рушди босуботи мамлакат рӯҳбаланд мегардонад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён дар канори иқдомоти шоистаи сарвари давлат баҳри дастгирии занону духтарон ва таъмини шароити арзандаи кору зиндагӣ ба онҳо кӯшишҳои назаррасро роҳандозӣ намуда, бо ин мақсад як қатор чораҳои мушаххасро ба иҷро расонида истодааст.

Боиси қайд аст, ки дар ноҳия занон дар мақомҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла дар симати муовини раиси ноҳия 1 нафар, мудирони бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 3 нафар, муовинони раисони ҷамоат 5 нафар, дар маҷмӯъ 127 нафар фаъолият дошта, дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ занон аксарияти кулли кормандонро ташкил медиҳанд.

Бори дигар бо фарорасии "Рӯзи модар" тамоми бонувони ноҳияро самимона табрик гуфта барояшон сиҳативу рӯзгори обод, бахту саодати пойдор ва сулҳу амонӣ орзу мекунам.

Бигзор лабҳои занону модарон ва хоҳарону духтарони мо ҳамеша пурханда бошанд ва онҳо ҳеч гоҳ дарду ғамро набинанд.

## «НАҚШИ ВАО ДАР ТАШАККУЛИ ЭҲСОСИ ВАТАНДОРӢ ВА МУБОРИЗА БО ИФРОТГАРОӢ»

Рӯзи 28 феврал бо ибтикори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳини шаҳри Бохтар бо иштироки сармуҳаррирони шаҳру ноҳияҳои вилоят конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши ВАО дар ташаккули эҳсоси ватандорӣ ва мубориза бо ифротгароӣ» доир гардид.

Дар чорабинии мазкур раиси Иттифоқи Журналистони Тоҷикистон, директори академияи ВАО-и Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» Асалмоҳ Сафарова, раиси Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Хатлон - Ҳамро Салимов, мудири кафедраи рӯзноманигории ДДҚ ба номи Носири Хусрав Дилором Маҳкамова, унвонҷӯи ДДҚ ба номи Носири Хусрав Носирҷон Маъмурзода дар мавзуҳои «Рақобатпазирии ВАО дар шароити муосир», «Нақши ВАО-и чопӣ дар пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ», «Мавзӯи баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ВАО-и электронӣ», «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон тавассути публисистикаи сиёсии тоҷик», «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» ё муҳтавои мусоҳибаҳо бо «гумроҳони наҳзатӣ» баромад карданд.

Сипас иштирокчиёни конференсия дар атрофи маърузаҳо муҳокимаронӣ намуда, нисбати ҳар як баромад андешаю пешниҳодҳои мушаххас ироа карданд.

Дар фароварди чорабинии мазкур раиси Иттифоқи Журналистони Тоҷикистон, директори академияи ВАО-и Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода, дар вазъияти ботантана ба аъзои аз нав ба қайдгирифтаи ИЖТ ва иддае аз иштирокчиёни ҳамоиш Шаҳодатномаи ИЖТ ва медали ҷашнии «100-солагии матбуоти тоҷик»-ро супорид.

Бузурге бар ҳақ фармудааст:

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам».

Қобили зикр ва боиси сарфарозист, ки дар қатори беҳтарин рӯзноманигорону собиқадорони матбуоти вилояти Хатлон устоди муҳтарами мо, сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» Азизи Фаттоҳ низ сазовори медали ҷашнии «100-солагии матбуоти тоҷик» ва Шаҳодататномаи Иттифоқи Журналистони Тоҷикистон гардид. Аз фурсат истифода бурда, устоди арҷмандро бо дастёбӣ ба мукофоти баланд ва таҷлили Рӯзи матбуоти тоҷик аз номи қаламкашони ноҳия ва кулли шогирдонаш самимона шодбош менамоям.

**«Тахти Қубод»**

## ЧОРАБИНИИ ИДОНА БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАРОН

Бахшида ба ҷашни 8 март "Рӯзи Модар" дар толори Қасри фарҳанги ноҳия чорабинии идона баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур раиси ноҳияи Қубодиён муҳтарам Файзуллозода Зафар Хайрулло иштирок ва суханронӣ намуда, тамоми иштирокдорон ва дар симои онҳо ҳамаи бонувони ноҳияро ба муносибати ин иди бошукӯҳ табрик ва таҳният гуфта, саҳми занонро дар тарбияи дурусти фарзандон дар рӯҳияи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳисси хештаншиносиву худогоҳӣ, таҳкими сулҳу суботи комили ҷомеа, пойдории оилаҳо ва рушди босуботи ноҳия муҳим арзёбӣ намуд.

Дар рафти чорабинӣ бо нишони қадрдонӣ аз хизматҳои шоён ба 69 нафар занони фаъоли ноҳия тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Сипас бахши фарҳанги ноҳия барномаи рангини консертии омоданамудаашро пешкаши ҳозирин намуд.



# НАҚШИ ЗАН МОДАР ДАР ҶОМЕА

**«Занону модарони мо бо дастони пурмеҳри худ ниҳоли ишқу муҳаббат, меҳру садоқат, саховату асолат ва илму маърифатро парвариш мекунанд ва қалби поки онҳо ҳамеша барои орому осуда ва поянда устувор нигох, доштани оила ва давлат метапад» - қайд намудаанд Сарвари давлат. Ин суханҳо далели он аст, ки Роҳбари давлат пешрафту дастовардҳои бонувонро дар солҳои соҳибистиқлолӣ муҳим арзёбӣ кардаанд.**

Нақши зан - модари тоҷик дар ҷомеаи имрӯза басо баланд ва назаррас аст. Дар ҷомеаи муосир модарон натанҳо масъулияти модарии хешро адо мекунанд, балки масъулияти баланди роҳбариро низ ба уҳда доранд. Модари босаводу донишманд метавонад шаъну шарафи шахсро дар олам баланд бардорад. Воқеан, бо дастгириву ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат мартабаи занҳо хеле баланд гардидааст.

Зан дар ҳар давру замон мартабаи худро дошт. Аз ин чост, ки инъикоси нақшу мақом ва манзалати зани соҳибхираду бофарҳанг дар сафҳаҳои таърих чолибу муассир аст ва имрӯз низ сахми занони боистеъдоду лаёқатманд дар бунёди ҷомеаи навин баробари мардони баруманди кишвар бузург мебошад. Сахми онҳо бахусус дар пешрафти муассисаҳои фарҳангӣ, маориф, тандурустӣ ва мақомотҳои давлатӣ хеле назаррас аст.

Бояд гуфт, ки ҳар як зани точик бояд соҳибмаълумоту босавод бошад, то наслиояндаи мо солим ва номбардори кишварамон гардонду дар арсаи чаҳон миллати моро муаррифӣ карда тавонанд. Имрӯз занону модарон бори гарони зиндагиро бар душ доранд. Онҳо қувваи бузурги тарбиятгару таъсиррасон мебошанд, ки арзишҳои миллиро ривоҷ медиҳанд, насли нав ба дунё меоранд. Модар дар муҳити хонавода, дар рушду шукуфоии истеъдодҳо нақши муҳим дорад. Ин нақш ба андозае таъсирбахш аст, ки ме-тавонад омили хушбахтӣ ё бадбахтии фарзанд гардад. Танҳо модари пуртаҷрибаи аз ҳаёт бархурдор ва дар ҷодаи зиндагӣ устувор ва тобовар метавонад ҷомеаро ба сӯи фардои дурахшон роҳбалад гардад. Занон чеҳраи ҳар миллатанд ва нақши модари шоиста дар ҳама дав¬ру замон новобаста ба сохтори сиёсию вазъи ичтимоӣ дар тарбияи насли ояндасоз калидӣ боқӣ мемонад.

**Адолат Қосимова ,
омӯзгори фанни
забон ва адабиёти
МТМУ –и рақами 5**

# МОДАР БА БАРАМ ҲАСТӢ

Эй мурғи ҳумои ман, болои сарам ҳастӣ,
Хуршеду зиёи ман, файзи саҳарам ҳастӣ.
Сад шукри ту, модарҷон, ҳастӣ ба барат чун ҷон,
Дар олами серӯза, ҷои падарам ҳастӣ.
Ман зодаи ин хокам, чун чашмаӣ чӯ покам,
Зеро ки ту, модарҷон, дар чашми тарам ҳастӣ.
Эй зӯру тавони ман, тӯмори ниҳони ман,
Девори балогардон аз ҳар хатарам ҳастӣ.
Болои кафат будам, болои сарам ҳастӣ,
Ҷону ҷигарат будам,ҷону ҷигарам ҳастӣ.
Эй гармтар аз хуршед, эй поктар аз обам,
Сарманшаи умедам, рӯзи зафарам ҳастӣ.
Ман дар бари фирдавсам, зеро ба барат ҳастам,
Ман хонаи иқболам, зеро ту дарам ҳастӣ

# ДАР БОРАИ ЗАН

Зан зеботарин, боарзиштарин ва охирин ҳадияи осмонӣ аст.
Вай махзани асрори хилқат аст.

Ибодат ва бандагии Худо бояд аз бандагии модарон шурӯъ шавад.

Ҳуруфи сарнавишти башарият дар шири модарон ниҳон аст.

# ЗАН ФАРИШТАИ АДОЛАТ АСТ.

Як сариштаи саодати зиндагӣ дар дасти зан аст.

Ҳамаи мардон барои осоиш ва саодати худ ниёзманд ба занонад.

Зан қабл аз ҳама нардбони уруҷи (болоравии) инсоният аст.

Зан на танҳо гули баҳории иҷтимоъ ва ё парваришдиҳандаи занон ва модарони арҷманд аст, балки намунаи комили камол аст.

Аз як сӯй зан мазҳари табиат ва шоҳкориҳои Худованд аст, балки аз сӯйи дигар холиқи зебоист.

## 8-УМИ МАРТ

# М О Д А Р

Модарам дорад зодрӯз,
Шодӣ намуда Фирӯз.
Мехоҳам шере хонам,
Барои модар имрӯз.
Модар аз ӯ бигашт шод,
Инро ба ту ки ёд дод?
Кунед модарро ҳурмат,
Ҳар рӯз бигӯяд ӯстод.
Силла намуда сараш,
Модар шинонд дар бараш.
Мешавам ман муаллим,
Гуфто ӯ бар модараш.
Аз рӯи фазлу эҳсон,
Фирӯз бигуфт модарҷон.
Муаллим гуфт ба моён,
Сухани Напалеон
«Бо як дасташ гар модар,
Гавҳора ҷунбонад,
Вале бо дасти дигар,
Дунёро метаконад».





# ИЛҲОМ АЗ БАҲОР

Баҳорон хонаи дил тоза кардам,
Сарои дил ба ишқ дарвоза кардам,
Биёбам то вафодории ҷонон,
Либоси ишқ ба тан андоза кардам.
Табиат дар дилам низ ҷой густурд,
Бароям туҳфаҳои ишқӣ биспурд.
Вале сӯзу гудозу ҳаҷри он ёр,
Мадору куввати ҷонро бо худ бурд.
Қабул кардам варо дар маҳзари дил,
Намуда шодмонӣ кишвари дил,
Бидидам сайри дил дар олами ишқ,
Вафодорӣ биёфт дар меҳвари дил.
Зи ишқаш нозанин карда асирам,
Кунам савдо чу ҷон ишқаш бигирам.
Нигоҳи чашму нозаш карда афсун,
Чу ташбеҳи гуломе бар амирам.

**Шералӣ Шехвалӣ**

# МУҶДА ДИҲЕД, БАҲОР ОМАД!

Моҳ дар ин моҳ табиат аз хоби ноз бедор мешавад, нахустин қосиди хушпаёми худгули бойчечакро рӯи кафи замин меорад. Дар ин моҳи зеботарини фасли сол мо иди 8-уми Март-Рӯзи Модаронро истиқбол мегирем. Ҳама ин рӯзро самимона интизор мешавем. Бештар кӯдакону наврасон бо дастагуле аз сияҳгӯшу бойчечак хона ба хона гашта, ба ҳамдеҳагон пайғоми нек мерасонанд. Насими меҳрубон дар ин рӯз пироҳани сабуки пур аз гул ба ниҳолу дарахтон, талу теппаҳо, дашту кӯҳсорон ва боғу роғҳо мекашад. Мамнун аз навозиши ӯ хуршеди оламоро гарму хандон аз хонааш бадар меояд. Нурҳои заринаш чун кокулҳои афшон заминро ба оғӯш мегирад. Қатраҳои шабнами нукратоб рӯи майсаҳои навдамида ҷилои дигар дорад. Аз як сӯ шилдироси оби ҷӯйборон, аз сӯи дигар маоси баррачаҳои навзод ба гӯш мерасад. Ҷое гулдухтарон арғунчак саворӣ мекунанд,чавонписарон бошад даври гулхани афрӯхта ҳай рақсу бозӣ доранд. Аз тамошои ин манзараҳо чашмаи дил об меҳӯрад. Хаёлоти инсон ба дуриҳо боли парвоз мекушояд.

Бедор шавед, баҳор омад! Ин навиди накӯ ба дили кӯчаки мо ҳам як ҷаҳон шодиву нишот меорад.Охир бо омадани ҳар баҳор мо боз як сол калон ва таронахон мешавем, зебоии баҳорро бештар эҳсос мекунем.

Аз нафаси гарми замин бӯи шиносу муаттар ба димоғ мерасад, овози хушсадои булбулон ба гӯш меҳӯранд, гунҷишкакон шодикунон аз ин дарахт ба он дарахт мепаранд. Ҳо, дару тиреза боз кунед, баҳор омад! Ҳама ба пешвози баҳор мешитобанд. Аз шавқу дидори хуш ва нафаси тозаи арӯси сол ҳама бекароранд, пирӯзу шодмонанд.Чӣ муборак аст, қадами баҳор!

Охир ба шарофати ҳамин қадами баҳор рӯз нав мешавад. Аз ҳамин қадами гулафшони баҳор рӯзи нав чеҳра боз мекунад. Тӯйи баҳор мешавад ва он базмашро бо ғулғулу сурури шодӣ то гӯши хуршед мебарад.

Баҳор ба ҳамагон муборак, Рӯзи наву орзуҳои нав насибатон бод!

**Садирова Зайнаб**

## ЁДБУД

# ХОЛИСТ ҶОЙИ МОДАР

**Модарҷони ман дар ин фирӯзбаҳори бонувон 3-юми март зодрӯз доранд. Соли гузашта, моҳ дар рӯзи зодрӯзошан, ҳамаи моро сарҷамъ овардаанд. Мисли солҳои қаблӣ фарзандону пайвандон ба ифтихори тачлилӣ санаи зодрӯзашон на,балки барои алвидоъ ва гуселашон ба хонаи охират омада буданд.Ҷисми модарам дар рӯйи ҳавлӣ, хурду калон, хешу акрабо ва шогирдонашон аз дурру наздик ҷои нишоту хурсандӣ гиряву нола менамудем.**



Ман, ки ҳамеша бо модарам будам, кунун лаҳзаҳои бемодарӣ бароям гарон сипарӣ мешавад . Бе ҳузури он кас зиндагӣ таровату нишотро аз ман рабуда. Замин сахту осмон баланд гуфтаанд пирони рӯзгор. Инсон ин дунёи фониро хоҳ нохоҳ тарк мекардааст.Ҳар кас бояд номи некашро дар ин дунё бо кори некаш боқӣ гузорад. Одамизод дар зиндагӣ аз бисёр чизҳо серу дар баъзе мавридҳо аз ҳаёт дилгир мешудааст, вале аз як чиз ҳеҷ вақт сер намешудааст. Ин ҳам бошад, меҳр аст, меҳри модар ! Баъзан ба қадри модар вақте мерасем, ки ӯ дар қайди ҳаёт нест. Зор-зор гиря мекунем: «Оҳ нафаҳмидам, кадрашро надонистам, модарҷон»- мегӯем, вале аз он чӣ суд? Ба қавли шоир:

Ғамхору ғамшарикон аз мӯйи сар зиёданд,
Аммо ба рӯзи сахтӣ холист ҷойи модар.

Ҳеҷ кас ҷойи модарро гирифта наметавонад . Модар дар қабр бошад ҳам бо фарзандон пайвандӣ абадӣ дорад. Ин суханони маро онҳое дарк мекунанд, ки чун банда модар гум кардаанд. Инро набояд фаромӯш кард, бузургворе фармудааст, агар шабу рӯз ба тоату ибодат машғул шудаю рӯзаву намоз ба ҷо орем, вале модар аз мо норизо бошад, яқин донем, Худо аз мо норизост, зеро «ҷаннат дар зери қудуми модарон аст».

68 соли ҳаёти худро сарфи соҳаи маориф ва ба таълиму тарбияи насли наврас сарф намудан ин буд рисолати модари ман, ки ба некиву сарбаландӣ анҷом шуда.

Модарҷони азизу меҳрубонам дар ин фасли шукуфтанҳо, фасли баҳору зебоӣ дигар бо ҳузурашон маърака оройӣ намекунанд. Гули сари сабади маҳфилҳо нестанд, лек ҷои он кас дар дилу дидаи мост. Ёди неки он кас то абад маро ҳамрост. Дастагули қашангу зебо, перохани пургул ин дубайти аст ҳадя ба ҷашни зодрӯзи модарҷонам.

**Дили модар чу дарёи**
**дамон аст,**
**Ҷаҳони меҳри модар**
**беканор аст.**
**Сано бодо Муҳаммадро,**
**ки гуфтааст:**
**«Биҳишт зери қудуми**
**модарон аст».**

**Марҳабо Атоева,
омӯзгори МТМУ №1.**

# МАҚОМИ ЗАН -МОДАР ДАР ИСЛОМ.

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Аз он ҷое, ки зан-модар вазифаи муҳимми тарбияи фарзандро ба уҳда дорад, аз назари Ислом ба унвони мураббии наслҳо қарор дода шуда ва ислоҳи ҷомеа махсули дурусткории зан мебошад. Зеро фарзандоне, ки афроди ҷомеъаро ташкил медиҳанд ба дасти ӯ тарбият мешаванд. Барои бузургдошти мақоми зан, дар Ислом, дар «Қурони карим» сураи ба номи «Нисо» ихтисос дода шудааст ва ин дар ҳолест,ки сурае ба номи мардон вуҷуд надорад. Ислом ҳуқуқи занро болло бурд дар ҳоле,ки занон дар даврони ҷоҳилият аз бисёр ҳуқуқҳои инсонӣ, аз ҷумлаи аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ маҳрум буданд, зеро зан ҳақи ирс будан надошт ва ҳаққе бар шавҳар надошт, зан чун коло ва матоъ баъд аз вафоти шавҳараш ба ирс буда мешуд ва иддаи зани шавҳармурда як сол буда ва бо бадтарин либос дар бадтарин хона иддаи худро мегузаронд. Зан дар даврони ҷоҳилият аз хурдсолӣ зинда ба гур мешуд. Аммо Ислом муассире барои аз байн бурдани табъиз ва боло бурдани мақоми зан бардоштааст. Ислом ҳамаи он ҳуқуқҳои инсонӣ ва ичтимоъиеро, ки мард аз он бархурдор аст, барои зан низ муқаррар кардааст ва ҳамчунин бар асоси фитрату сохтумони ҷисмонӣ ва руҳӣ ва он чӣ муносиби ҳоли уст, вазифаҳоеро барои зан дар назар гирифта аст. Аз он ҷое, ки мард дороӣ неруи ҷисмонӣ ва ақли комилтарест ва ба далели контроли эҳсосотӣ, отифӣ ва тавонойи ва муқовимат дар баробари мушкилот ва сабр бар сахтиҳо, бурдбортар аст,Ислом мардро масъули зан қарор дода, то аз зан дифоъ кунад ва аз дастранҷи худ барои ӯ харҷ кунад. Дар мавриди масъулятпазирӣ ва анҷоми масъулят, зан бо мард баробар аст ва аз дидгоҳи Ислом зан метавонад ба сурати мустақим хариду фуруш кунад ва ҳақи моликият ва анҷоми дигар муъомилотро дошта ва дар сарнавишти иҷтимоии худ намояд,ки ин низ яке аз мазоҳири эҳтироми зан дар Ислом аст.

**Абдусалом Киборов,
имомхатиби масҷиди
ҷомеъи Салмони Форс**

# МУАЛЛИМАИ НАВҶӮ



**Аз фурӯғи чашми модарҳои мо, Тоҷикистон ҳамчун ахтар мешавад.**

Соатова Гулчеҳра аз зумраи омӯзгоронест, ки солҳои тӯлонӣ дар таълиму тарбияи шогирдон саҳми арзанда гузоштаанд. Номбурда соли 2003-юм баъди хатми Коллеҷи оиӯзгории маркази ноҳия ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 омада, то ҳоло муаллимаи синфҳои ибтидоӣ шуда, кор карда истодааст. Муаллима дар тӯли ин солҳо шогирдони зиёдеро ба воя расонидааст,ки дар дохил ва хориҷӣ кишвар кор ва таҳсил карда истодаанд. Яке аз шогирдонаш Норматов Абдутолиб дар як Донишгоҳи бонуфӯзи Амрико таҳсил дорад. Шогириди дигараш Раҷабов Маҳмадғанӣ омӯзгор буда, дар муассисаи номбурда дар паҳлӯи усдоди хеш ба тарбияи шогирдон машғул аст. Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш дар васфи муаллим гуфтаанд:

« Муаллим пеш аз ҳама афрӯзандаи чароғи дурахшони илму дониш аст ва хушбахтона, қисми асосии зиёиёни кишварро ташкил мекунанд. Бинобар ин, вазифаи асосии муаллим дар баробари омӯзондани илму дониш, инчунин омӯзондани адаб ва ҳидояту роҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад.». Ин суханони пурҳикмату нерӯбахшандаи Пешвои миллатро муаллима ҷонибдорӣ намудав, пайваста дар омӯзишанд, то ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмонаш боло равад.

Аз ин рӯ ба муаллима гуфтанием:

**Чароғи оламафрӯзи**
**муаллим,**
**Анису шахси дилсӯзӣ**
**муаллим.**
**Зи рӯзи аввалин**
**бо чеҳраи шод,**
**Ба тифлон ҳарф**
**омӯзӣ муаллим.**

Гулчеҳра Соатоваи меҳрубону дилҷӯро кули устодону шогирдони муассисаи мазкур ба иди баҳору зебоӣ,иди Модарон аз сидқи дил табрику шодбош мегӯянд. Ба муаллима умри дароз, тани сиҳат, зиндагии пурсаодату ширин дар ҳалқаи фарзандон ва обрӯву мартабаҳои баландро дар пешаи омӯзгориашон таманно доранд.

**Ҳусайнзода Мурод Қосим, омӯзгори фанни забони англисӣ, аълочии маориф ва илми Ҷ.Т.**

# БАҲРИ РУШДИ НОҲИЯ

Дар оини давлатдории ҷомеаи демакратии ҳуқукбунёд мақомоти иҷроияи ҳокимияити давлатӣ ва шуъбаи маорифи ноҳия нақши ҳалкунандаро мебозад. Он тамоми қонуну фармонҳои ҳокимияти болоӣ ва қонунбарорро мавриди иҷро қарор медиҳад. Ҳамаи талошҳо танҳо барои баланд бардоштани қадрияти инсон дар ҷомеаро дар дӯш дорад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадру нақши шахс аз ҳама воло гузошта шудааст. Махсусан Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон оид ба рушди соҳаи маориф афзуда буданд, ки «...бояд ба масъалаи таълиму тарбия бештар афзалият дод,-мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияи иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем», аз ин дастурҳои сарнавиштсози сарвари муаззам чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мо кормандони соҳаи маориф тамоми нерӯи ақлонию зеҳниро барои беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати дониши хонандагон, бо нишондиҳандаҳои назаррас, дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ ва миёнаи касбӣ тариқи ММТ ва ғолиб баромадан, дар ҳаракати олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ шогирдонро ба камол расонем, аз таҷрибаҳои пешқадами омӯзгорони мамлакат истифодат намоем. Шумораи хатмкунандагонро бо медалҳои тилло ва гирандагони стипендияи Президентӣ, шаҳодатномаи сурх афзун намоем. Маълум аст, ки тарбия ва таълим аз дидгоҳи мантиқ бо ҳам тавъам буда, самараи таҳсилот низ дар ҳамин пайвастагӣ ба даст меояд.

Имрӯз дар 62 муассисаҳои таълимӣ беш аз 2-ҳазор омӯзгорон ба таълиму тарбия машғуланд. Дар ҳамин раванд омӯзгорон бо ихтисосҳои мухталиф, бо категория (тахассус)-ҳои гуногун ба шогирдон таълим медиҳанд. Қариб ҳамасола 70-80 фисади маблағи даромади буҷети ноҳия ба ҳамин соҳа равона мешавад. Курси омӯзиши низоми имтмҳонҳои дохилшавӣ тариқи маркази миллии тестии назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия аз тарафи мутахассисон бо омӯзгорон, мудирони қисми илмӣ, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, ба омӯзгорони фаннӣ дар марказ, тӯли се рӯз машғулият гузаронида бошанд ҳам, бо ин тамоми паҳлуҳои низоми дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ, миёнаи касбӣ басандагӣ нахоҳад кард.

Бинобар ин ба ҳар як муассисаҳо фитаҳои намоишӣ, «Роҳнамои довталаб», модулҳои дарсӣ, тестҳои омӯзишии фаннӣ тақсим карда шуд, ки омӯзгорони дар семенар иштирокнамуда, бо хатмкунандагон машғулият гузаронида, роҳҳо ва интихоби озоди кластерҳоро фаҳмонида диҳанд. Ин нақшаи корӣ дар муассисаҳо тибқи соату сана баргузор гашта истодаанд.

Махсусан соли равон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нақшаи маркази миллии тестӣ бо довталабон кори хаттӣ эссе-иншо (Иншои хурд, як навъи очерк) нақшабандӣ гардид, ки довталабон дар қисмати «А» тӯли 90 дақиқа ду саҳифа иншо менависанд. Агар то имрӯз вақти ҷудогардида дар имтиҳонҳои умумӣ 165-дақиқа бошад, пас он бо иловаи иншо-эссе 210 дақиқаро дар бар мегирад.

Тибқи қарори маҷлиси умумии падару модарон 26 адад муассисаҳо аз таълими забони ӯзбекӣ ба таълими забони тоҷикӣ баргардон шуданд. Ин амали хуб танҳо барои ояндабинии фарзандон аз тарафи волидайн аст. Зеро хонанда синфи 11-ро бо забони ӯзбекӣ хатм карда бошад, пас барои давом додани таҳсилоти минбаъда дар куҷо дохил мешавад ва мутахассиси варзидаи кадом соҳа шуда бармегардад? Бинобар ин барои ҳар як довталабони мо, махсусан хатмкунандагони ӯзбекзабон душвориҳо пешорӯй аст.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия садҳо омӯзгорони боистеъдод ва меҳнатдӯст ҳастанд. Онҳо бо қадри имкон кӯшиш мекунанд, ки истеъдод, дониши худро аз рӯзҳои аввали таҳсил барои фарзандони мардум сарф кунанд, чунин омӯзгорон барои пай дар пай баланд бардоштани дониш ва маҳорати худ кушиш мекунанд, аз сидқи дил меҳнат карда, дар бакамолрасонии шогирдони худ таҳкурсии забономӯзии илмиро мегузоранд.

Омӯзгорони махсусан фанни забон ва адабиёти тоҷикро лозим аст, ки тамоми чораҳои зарурии педагогии худро масрафи ин роҳ намуда, шогирдони худро дар паси партаи донишҷӯйии бинанду шумораи дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ ва миёнаи касбиро ба фисадҳо боло бардоранд.

Бо таваҷҷуҳи ғамхоронаи Пешвои миллат, шурӯъ аз соли 2014 оғоз намуда, дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ тариқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҷорӣ гардид, ки азқисмҳои А (имтиҳони умумӣ), Б (имтиҳони ихтисос), В (имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус) ва Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) иборат аст.

Ба довталаб имконияти интихоби то 12 комбинатсияи ихтисосҳо дар доираи як гурӯҳи ихтисосҳо вобаста аз муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил дода шудааст.

Тибқи мактуби Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.02.2018, №06\1-169 оид ба ҷаласаи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи хатмкунандагони синфи 11-ум навиштани эссе ҷорӣ карда шудааст. Ин пеш аз ҳама омодасозии довталабон барои навиштани кори хаттӣ –эссе дар имтиҳонҳои дохилшавӣ роҳандозӣ карда шудааст ва ин аз ҳисоби дарсҳои факултативӣ, захиравӣ ва дигар имкониятҳои дохилии массисаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Хотиррасон менамоям, ки дастур оид ба тарзи таълифи эссе дар ҳафтаномаи “Омӯзгор” аз 8.02.2018, №6, (12127) ба табъ расонида шудааст, ки он 90 номгӯйи мавзӯъҳои намунавиро дар бар гирифтааст.

Бақайдгирӣ (марҳалаи асосӣ) барои иштирок дар имтиҳон бо ҳузури довталаб, новобаста аз ҷойи истиқоматаш, аз 1-уми март то 15-уми апрел дар ҳар кадоме аз нуқтаҳои бақайдгирии шаҳру ноҳияҳои интихобгардидаи ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Бақайдгирии иловагии шахсоне, ки дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ бо сабабҳои гуногун аз қайд гузашта натавонистаанд, барои иштирок дар имтиҳон бо ҳузури онҳо аз 12-ум то 30-юми июн танҳо дар шаҳри Душанбе дар нуқтаи бақайдгирӣ сурат мегирад.

Эссе чист ва он чӣ тарз навишта мешавад?

Эссе– як навъи очерк, ки онро иншои мухтасар низ гуфтан мумкин аст. Вобаста ба мавзӯи эссе назари нависандаи он метавонад чунин нисбат дошта бошад:

Эссенавис хислату кирдор, орзуҳо ва хостаҳои шахсии худро баррасӣ мекунад;

дар эссе андешаи муаллиф дар бораи ягон ғоя ё сухани адибону олимон, шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ, воқеаву рӯйдодҳои фарҳангию таърихию иҷтимоӣ ва монанди инҳо иброз мегардад. Муаллиф оид ба ин ғояву андеша ё рӯйдодҳо фикрашро баён карда, тарафдор ё муқобили он будани худро бо далелҳо исбот менамояд.

Дар МТМУ ва олии касбии ҷумҳурӣ, ки ба низоми имтиҳонҳои марказонида дохиланд, аз рӯйи беш аз 800 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд.

Маркази миллии тестӣ бо мувофиқа бо муассисаҳои мавҷуда, ки аз рӯи инихтисосҳо мутахассис тайёр мекунанд, бо назардошти монанд ва наздик будани фанҳои имтиҳон ихтисосҳоро дар 5-гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) муттаҳид кардааст:

Табиӣ ва техникӣ ("Амнияти компютерӣ", "Астрономия", "Геодезия", "Геология", "Информатика", "Математика", "Металлургия", "Меъморӣ"...).

Иқтисод ва география ("Андоз ва андозбандӣ", "Аудит ва ревизия", "География", "Идораи давлатӣ", "Иқтисодиёт", "Кори бонкӣ", "Менеҷмент", "Омор", "Туризм"...).

Филология, педагогика ва санъат ("Забон ва адабиёти рус", "Забон ва адабиёти тоҷик", "Забони англисӣ", "Логопедия", "Мероси хаттӣ", "Рӯзноманигорӣ", "Санъати мусиқӣ"...).

Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ ("Бойгоншиносӣ", "Муносибатҳои байналмилалӣ", "Психология", "Психологияи иҷтимоӣ", "Санҷиши судӣ", "Сиёсатшиносӣ", "Таърих", "Фалсафа", "Ҳуқуқшиносӣ"...).

Тиб, биология ва варзиш ("Агрономӣ", "Биология", "Дорусозӣ", "Зоотехникия", "Кори табобатӣ", "Педиатрия", "Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ", "Кори момодоягӣ", "Химия"...).

Довталабоне, ки ихтисосҳои омодагии эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус ё иловагии тахассусӣ талабкунандаро интихоб менамоянд, барои иштирок дар озмун аз рӯйи чунин ихтисосҳо бояд имтиҳони қисми В ё Г-ро супоранд. Имтиҳони қисми В ва Г бевосита дар муассисаҳои таълимии дахлдор баргузор мегардад.

Барои довталабоне, ки дар имтиҳонҳои даври асосӣ бо сабабҳои гуногун иштирок карда наметавонанд ва барои онҳое, ки дар даври дуюми аз навбақайдгирӣ ё дар даври бақайдгирии иловагӣ аз қайд гузаштаанд, имтиҳонҳои иловагӣ пешбинӣ шудааст.

Ба ҳар довталаб дар заминаи сомонаи Маркази миллии тестӣ кабинети инфиродӣ кушода мешавад, ки дар он вобаста ба ҳама марҳалаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ–аз бақайдгирӣ то озмуни тақсимот маълумоти зарурӣ пешниҳод мегардад.

Ҳар як довталаби мо вобаста аз шароит ва имкониятҳояш бояд меъёрҳои зарурии интихоби ихтисос ва муассисаи таҳсилоти таълимии миёнаи касбӣ, олии касбиро, аз ҷумла инҳоро баэътибор гирад:

имкони пардохти маблағи таҳсил ва истиқомат (яъне, намуди таҳсил: ройгон ё пулакӣ; манзили зист: хобгоҳ, хонаи иҷора...); макони ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ; нуфуз ва эътибори (рейтинги) муассисаи таълимӣ; зерсохтори муассисаи таълимӣ (хобгоҳ, китобхона, толорҳои варзишию фарҳангӣ ва ғайра); шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, шабона, фосилавӣ);

фикру ақидаи аҳли ҷомеа дар бораи муассисаи таълимӣ.

Хотиррасон менамоям, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2014 № 344 ва номаи расмӣ аз 29-уми декабри соли 2016 №121703/26 ихтисоси “Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ”- и Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов ва инчунин, ихтисосҳои Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собитро, танҳо писарон интихоб карда метавонанд.

Соли равон 2493 –нафар хонанда муассисаҳои ноҳияро хатм намуд. Довталабони ноҳия дар ноҳияи Шаҳритус ҳуҷҷат супорида, аз қайд гузаштанд ва бо ин васила соҳиби шиноснома низ гардиданд. Дар маҷмуъ 603 нафарашон ба тариқи ММТ ба муассисаҳои олии кабӣ дохил шуданд, ки 24 фисади хатмкунандагонро ташкил намуд. Аз ин 98-нафарашон дар хориҷи кишвар таҳсилро давом дода истодаанд. Дар муассисаҳои миёнаи касбӣ 937-нафар ва дар истеҳсолот 1037 нафар хатмкардагон боқӣ монданд.

Агар жарфтар ба ҳақиқати ҳол назар намоем, фоизи дохилшавӣ дар муассисаҳои олии касбӣ дар ноҳия дар маҷмуъ хело тағйир меёфт, аммо ба 24 фоиз қарор гирифтани он танҳо ба нодуруст интихоби касб ва шакли таълим дар муассисаҳои олии касбӣ аз тарафи довталабони мо буд, махсусан довталабони ноҳия ба муассисаҳои олии кишвар тариқи озмун гузаштанд-холҳои гузаришро соҳиб шуданд, аммо аз нарасидани пардохти маблағи шартномаи муассисаҳо аз таҳсил даст кашиданд. Соли таҳсили 2016-2017, 127-нафар хатмкардагони мо ба ҳамин ҳолат гирифтор гардидаанд.

Манзурам аз гуфтаҳо он аст, ки ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазъи хуби зиндагии мардум ба фисадҳо беҳтар гардидааст.Мардум зиёдаравиҳоро барҳам додаанд. Харҷи беҳудаю забҳи чорво тамоман кам гашт. Вазъи шароити рӯзгузаронӣ ва захираи иқтисодии оилавии ҳар як шаҳрванд беҳтар шуд. Дар ин росто хубтар мешуд, ки аз тарафи аҳли ҷомеа, имомхатибон, кумитаи маҳаллаҳо, раисони ҷамоатҳо, раисони хоҷагии деҳқонӣ, соҳибкорони ватанию ноҳиявӣ ба камбизоатон, ки фарзандони онҳо ба таҳсил майл доранду маблағ надоранд, каме ҳам бошад, кӯмаки иқтисодӣ мерасониданд, ки нафаре ё фарзанди камбизоате соҳиби маълумоти олии касбӣ мешуду дар ноҳия мутахассиси фаъол шуда бар мегашт.Соли равон барои ҳар як довталаб 240 сомонӣ муқаррар гардидааст, ки мутаассифона баъзе падару модарон ҳамин маблағро надоранд

Манзурам аз ин гуфтаҳо ин аст, ки ҳамин амали нек, ҳам аз нигоҳи инсонӣ ва ҳам тибқи таълимоти дини мубини ислом кори савоб хоҳад буд. Дар санаи 13.02.2018 дар ноҳия директори ММТ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Икромӣ Хуршед Икромӣ сафари корӣ доир намуда, бо аҳли ҷамоатчигӣ, бо падару модарон, мудирони шуъбаҳои мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатии ноҳияи, мутахассисони шуъбаи маориф, директорони муассисаҳо, бо таблиғгарони муассисаҳо, бо хонандагони синҳои 11-уми якчанд муассисаҳо вохӯрӣ доир намуда, ба тамоми паҳлуҳои низоми дохилшавӣ ба муассисаҳои олии касбӣ, миёнаи касбӣ маълумот дод.

Дигар масъалаи муҳим ин аст, ки солҳои қаблӣ шогирдони мо дар ноҳияи Шаҳритус ҳуҷҷат супорида аз қайд мегузаштанд. Соли равон, яъне 2017-2018 довталабони ноҳия бо талошҳои бемайлони раиси ноҳия муҳтарам Файзуллозода З.Х ва мудири шуъбаи маориф бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ, дар мувофиқа бо имзои Пешвои миллат, мӯҳтарам ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Қубодиён нуқтаи бақайдгирӣ ташкил карда мешавад. Минбаъд довталабони мо ҳам аз қайд мегузаранд ва ҳам дар ҳамин ҷо имтиҳони марказонидаи дохилшавиро месупоранд. Вобаста ба ин аз тамоми шаҳрвандони азиз, ҳамдиёронам эҳтиромона хоҳиш дорам, ки барои ин амали хайр кумаки беғаразонаи худро дареғ надоранд, зеро ободу зебогардонии диёри азиз, сахою ҳимматбаландӣ, бомаърифату бофарҳанг намудани ҳар як шаҳрванди ноҳия гӯшаи имону ватандорист. Аз дастгирии раиси мақоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, мақомотҳои сиёсию қудратии ноҳия, аҳли ҷамоатчигӣ, раисони маҳаллаҳо, раисони ҷамоатҳои деҳот ҳамдиёрони азизам пешакӣ изҳори сипос менамоям.

**Эшов М,**
**мудири шуъбаи маориф**

# МОДАРОНИ ВОЛОГАВҲАР


Муродалиева Б.
Муассиси муассисаи хусусии таълимии Барфигул


Ҳамсари Ҷиёнов Ҷаъфар,
собиқ мудири маорифи ноҳия, холаи Санам


Набиева Кимиё.
Омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №6


Намозова Холида.
И.в. раиси ҷамоати деҳоти ба номи Н. Хусрав


Равшанова Гулнора.
Ходими хурди илмии Осорхонаи таърихи - кишваршиносии ноҳия


Раҷабова Хурсанд.
Раиси кумитаи маҳаллаи М.Турсунзода


Савриниссо,
коргузори нозироти андози ноҳия


Саломова Қурбонгул.
ҳамшираи таҳлили хуни беморхонаи маркази


Муминова Дилноза, сармутахассиси шуъбаи умуми, назорат ва мурочиати шаҳрвандони дастгоҳи раис.


Сафарова Саида,
коргузори бахши ҳифзи муҳити зист


Сокина,
корманди техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия


Ҳалима
холаи
адрасбоф


Мирзоева Райҳона.
мутахассиси пешбари шуъбаи умумӣ, назорат ва мурочиати шаҳрвандони дастгоҳи раис.


Ҷабборова Нуринисо.
Директори МТМУ №50


Шоҳзамонзода Ф.
хонандаи синфи 10-и МТМУ №7


Эшпулатова Анора.
роҳбари хоҷагии Амирбобо


Дилбар, Бахриниссо ва Дилором - ҳамшираҳои маркази саломатӣ


Фарошзанони мақомот: Рисолат, Малоҳат, Гулхумор


Саҳмдорони хоҷагии деҳқонии Саодат: Оламбӣ, Арӯс, Наҷафмоҳ, Дилором

## ЗОДРӮЗ МУБОРАК!



**Ҳукми виҷдон аст,**
**кори журналист,**
**Рӯҳи даврон аст, кори журналист.**
**Менависад ҳар дами таърихро,**
**Хомаи гавҳарнисори журналист...**

Рӯзноманигорон бо килки гавҳарнисор, зиндагии мардумро сафо бахшида ба ҳалли мушкилоти он саҳм мегузоранд. Имрӯз нуфузи сухану андешаи журналист хеле барҷаста буда, метавонад дар дигаргунсозии сохти зиндагии ҷомеа,тағироти куллиро ба миён оварад. Барои расидан ба ҳамаи ин ҳадафу мақсадҳои нек, ворид гаштан ба ҷомеаи башарӣ ва муаррифии миллат пеш аз ҳама, аз кори пурсамари рӯзноманигорон вобастагии амиқ дорад. Ба ҳамин мазмун дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст «ҳамаи мо вазифадорем, ки бо шукронаи соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ мардуми шарифу заҳматпеша ва ободкору фарҳангсолори тоҷикро дар роҳи бунёдкориву созандагии Ватани маҳбубамон-Тоҷикистон ва боз ҳам ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодиамон сарвариву раҳнамоӣ кунем».

Мебояд зикр кард, ки солҳои охир фазои иттилоотии кишвар беҳтар гардида, таъмини аҳолӣ бо хабарҳои нав бештар мушоҳида мегардад, ки ин аз таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти пурсамари кормандони ВАО дарак медиҳад. Хамаи ин рисолати бузург дар боло рафтани мавқеъ на нуфузи ВАО дар ҷомеаи муосир низ бештар гардида, сифати маводу барномаҳои он мувофиқи табъу завқи мардум омода мешаванд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки ҳамеша ва дар ҳама маврид симои ВАО дар назди таъриху миллат барҷаста хоҳад буд ва монд.

Санаи 8-уми март ва дар арафаи таҷлил аз иди матбуот-рӯзи касбии мо журналистон ҳамкасб ва хоҳари арҷманду баномусу дилписанд Адолатбону ҷашни мелод дорад

Шуморо бо милоди хуҷастаю муборакатон, ки бо Рӯзи модару оғози баҳори нозанин тавъам омадааст, самимона табрику таҳният гуфта, дар ҷодаи суханварию қаламкашӣ, инъикоси дарду доғҳои ҷомеа, мустаҳкам намудани робитаи ҳамкорию ҳамгироии ҳукумати маҳаллӣ бо аҳли ҷомеа қадами сабз, қалами сабз ва сухани сабз орзу намуда, ин мисраъҳои мавзунро чун дастагули тару тоза дар рӯзи зодрӯз бароятон тақдим медорам:

**Хушбахти зи Холиқи ҷаҳон мехоҳем,**
**Осудагитон аз дилу ҷон мехоҳем.**
**Гӯянд : «Чӣ мехоҳед боз аз Худо»,**
**Он чиз, ки накӯст, мо ҳамон мехоҳем.**

**Бо эҳтиром, сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» Азизи Фаттоҳ**



Моҳитобони доночаву зебоча, хушрӯчаву балочаи мо 2 сола мешавад. Санаи мавлудашро бо як ҷаҳон орзуву умедҳо табрик гуфта, аз Яздони пок беҳтарину ширинтарин лаҳзаҳои кудакияшро таманно дорем.

**Ба рӯят осмон дар ханда бошад,**
**Ҷамолатро ҳама гул банда бошад.**
**Ба ин айёми некӯ зодрӯзат,**
**Ҷаҳон дар пеши ту афканда бошад.**

**Бо дуо, амакат Азизшо.**

## 11- МАРТ РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

### МАТБУОТИ ТОҶИК 106 СОЛА ШУД

# РУҲИ УСТОДОН МАДАДГОРИ МАН АСТ

**(Ба хотири рӯҳи поки устодони гиромиқадру зиндаёд Акбари Саттор ва Ҷумъа Толиб.)**



**Ба ҳама соҳа кадр тарбият намудан мумкин… аммо рӯзноманигорию нависандагиро ёд додан, тарбият кардан душвор (Раҳим Ҷалил).**

Замоне, ки ҳама саргарми ёфтани як бурда нон буданду фикри раҳоӣ аз гуруснагӣ дар сар мепарварданд,Акбари Саттор дар фикри ба мутолеаи рӯзномаву маҷалла баргардондани мардуми аз маърифат дур монда афтода буд. Бо сарфи дороии аз ҳад зиёди хеш ва заҳматҳои пайваста муваффақ ҳам шуд.

Акбари Саттор зодаю парвардаи деҳаи Мортепаи шаҳри Ҳисор аст. Хатмкардаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (ҳоло Санг-Петербург) мебошад. Солҳои 1990-1994 пешаи рӯзноманигорӣ хеле хатарнок буд. Аз ин ҷо ӯ муддате ба тиҷорат машғул мешавад. Баъди гузашти солҳо бо мақсади таъсиси нашрияи мустақил дубора ба журналистика рӯ меорад. Дере нагузашта тифли нахустинаш «Дайжест-пресс»тавлид меёбад. Бо ин васила чанд нафар журналист соҳиби ҷойи кор мешаванд.

Ҳамин тавр заминаи таъсиси рӯзномаи «Чархи гардун» фароҳам меояд ва 25 апрели соли 1996 аввалин шумораи он аз чоп мебарояд.

«Чархи гардун» журналистони аз нобасомониҳои замона дар ранҷи рӯҳӣ андармонро, дубора гирд оварда, умедро дар синаи онҳо фурӯзон месозад. Ӯ мегуфт, ки то даме инсон нафас мекашад, умед ҳам зинда аст. Ва тадриҷан ӯ мактаби журналистии худро поягузорӣ кард, ки имрӯз бидуни шак касе наметавонад ва ҳақ ҳам надорад бе омӯзиши мактаби журналистии Акбари Саттор таърихи журналистикаи муосирро бинвисад.

Акбари Саттор замоне сарварии Иттиҳоди журналистонро ба ӯҳда гирифт, ки созмон дар ҳоли пошхӯрӣ буд. Дар ҳама рӯйдодҳои вобаста ба ҳаёти журналистӣ он айём аз аввалинҳо шуда садои Акбари Саттор шунида мешуд. Вай дар бораи имрӯзу фардои матбуот бисёр меандешид. Дар бораи озодии баёну нақши созандаи матбуот дар рушди кишвар, ҳифзи ҳуқуқи журналистон муҳокимарониҳои ҷолиб дошт. Вай борҳо таъкид кардааст,ки ВАО ин оинаи мамлакат аст ва фишору таъқиб обрӯи байналмиллалии кишварро ба сифр баробар мекунад.

Ӯ яке аз поягузорони матбуоти мустақили Тоҷикистон, соҳиби чандин расона, журналисти пуркору серғайрат ва Раиси иттифоқи журналистон буд. Ӯ ҷомеаи рӯзноманигориро дунболи худ мебурд. (ёддоштҳои дӯстону ҳамкорон аз китоби Акбари бузург, Шарқи озод, 2016).

Ба маврид аст ёдоварӣ намуданам он санаи хотирмону фаромӯшнашавандаи ҳаётам(20 апрели соли 2007), ки дар дафтари кории «Чархи гардун» дар ҳузури устодон Ҳабибулло Ёров (сармуҳаррири ҳамонвақтаи Чархи гардун), Ортиқ Қодиров ва Мавҷуда Холова шаҳодатномаи аз соли 1998 ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пазируфта шуданамро бо дастони мубораки худ тақдимам доштанд.

Имрӯз масъалаи азнавбақайдгирӣ ва зарурати супоридани шаҳодатнома- ин ҳуҷҷати бо имзои Акбари Саттор бароям бениҳоят азиз пеш омадааст, ки наметавонам онро бозпас диҳам.

…Борҳо азм намудааст бо ихтиёри хеш журналистикаро канор гузорад. Аммо, рӯзи дигар ҳатман мешунавад: Журналистеро кӯфтанд, дигареро ба суд доданд, нафаре ба дастгирии моддӣ ниёз дорад. З-ин рӯ дарди онҳоро дарди худ медонист. Дасташ ба қавле ба ҳама расидааст. Аз ҷумла ба «гиребони» раиси вақт дар ноҳияи Қубодиён Саъдулло Бекназаров.

Рӯзҳои на он қадар дури рӯзгорам зери фишорҳои бемаврид (чанд рӯз пайи ҳам субҳгоҳон ҳинни ба кор омаданам, лагандбардорони раис дами дари даромадгоҳ рӯи роҳам гирифта барои соати 10-и шаб ба маҷлиси назди раис наомаданам, баёнотамро талаб мекарданд), ноҳақиҳо нисбатам,хаставу дилсард аз касбу пеша дар кӯи сарсониҳо афтода будам. Ба ёдам муттако, пири кор, устоди устодон,пуштибони ҳар он нафаре, ки даъвои рӯзноманигорӣ мекард- Акбаралӣ расид. Ба ӯ арзи ҳол гуфтам.Аз он сӯи гӯшӣ бо тамкин арзи диламро шунид ва ҳамон лаҳза ба ҳокими вақт хушдор дод, ки журналисти болои сараш фармонравоӣ мекардааш бесоҳиб нест. Ин буд, ки алангаи оташи ғазаби «С.Б» ба тамом хомӯш гашт.

**Рӯҳи устодро шод, хонаи охираташро обод, иди матбуотро ба ҳамкасбон шодбош мегӯям!**

## ДАР ҶУСТҶӮИ ҲАҚИҚАТ



Ҷумъа Толиб, агар зинда мебуданд ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешуданд, ки ман ба ин кор иқдом кунам. Устод медонистанд, ки мардуми музофотӣ аз суду прокурору милиса, гоҳо чун аз деву бало меҳаросанд. Лек, он кас дафтари аъмоли зишти бархеи ононро, ки аз чорчӯбаи қонун берун по гузоштаанду боз беибо худро «мо чашми давлат» мегӯянд ва ҷояш ояд молу дороии давлат танҳо аз тарафи онон ғорат мегардад, мисли дафтари имлои шогирди дабистон варақ мезаданд. Ман аз усули корбарии устод аз фош гардидани амалдоре (бехабар будам, ки ин хуни дил хӯрданҳо умри устодамро кам намудаву ногумон бармеканад) ба шавқ меомадам. Рӯзномаи «Пайкон»-и дар фурӯш пайдо шударо ҳамон замон харида «подшивка» мекардам. Ба навиштаҳои қаламами сеҳрофарини Ҷ.Толиб таваҷҷӯҳи махсус доштам. Ҳаваси дидорашон менамудам. Мурочиати имдодталабонаи як нафар шаҳрванд, ки ҳамчун рӯзноманигор ихлосам намудааст баҳонае гардид, то бо устод дар тамос шавам. Ҳамин тавр садои муборакашонро шунидаму рӯзи дидор ҳам муайян гашт.

Рости сухан аз устод гуфтан, ки ҳамагӣ як рӯз зимни тадқиқоти журналистие дар ноҳия ҳамроҳиашон карда аз усули корбариашон як ҷаҳон бардошт намудаам, бароям осон нест, дард мекашам.

Нигоҳи маъюсу пур аз умеди чашмонаш аз пушти кадом як панҷараи маҳбасхонае (Ҷумъа Толиб барои ошкор ва парда аз рӯи аъмоли ноҷавонмардонаи раиси суди ноҳияи Айнӣ бардоштан 8 моҳ зиндонӣ шудааст), ки шояд дар акс дидаам ҳамеша пеши назарам падид меояд.

Буғзи диламро фурӯ нишондаву ашки чашмонамро поккунон мӯҳри хомӯши бар лаб мезанам, то қиссаи Ҳазратилло Иброҳимов (дар гузашта раиси суди ноҳияи Қубодиён)-ро ба забон наорам. Аз ниҳонхонаи дил фарёди ҷонгудозе бархоста вуҷудамро такон медиҳад то хилофкориҳо, ғайриқонунӣ ва сохтакорона ҳуҷҷатгузорӣ шудани хонаи истиқоматии шаҳрванд (замоне роҳбарии Кооперативи сохтмонӣ Шавкат Қодиров, ки тарҳи имрӯзаи бозори «Қубод» ва масҷиди ҷомеаи ноҳия кори дасти ӯст) бо дастони Ҳ.Иброҳимови бадтинатро ба гӯши ҳамагон бирасонам. Он қисса ба дасти чоп нарасида марги нобаҳангом устоди арҷмандамро аз по фиканд.

Аз оғоз то анҷоми моҷарои ин хона, ки банда дар рафти таҳқиқ бевосита иштирок кардам китобат шудаву дар бойгониам маҳфуз нигоҳ дошта мешавад.

… Ҳангоми гусели устод дар назди истгоҳи нақлиётҳои самти Душанбе, медидам, ки бори ҷузвдони дар китф овезонашон бо шонаҳояшон гарони оварда қоматашонро хам карда буд.

Бале, гарон буд, он чанд пора қоғазе, ки бо амру фармоиши Ҳ.Иброҳимов, ошкоро манзили Ш.Қодиров ғайриқонунӣ ҳуҷҷатгузориву хусусӣ гардонда мешавад. Дар рӯи об баровардани он ҳақиқат ва пайдо намудани далелҳои раднашаванда устод заҳмати зиёд кашидаву вақти қиммати худро сарф карданд.

Наход бемориашон сабаб гардид, ё умри кӯтоҳашон даст надод ва ё касе (чун гуфтанд баъди аз Қубодиён баргаштан ашхоси миёнрави Ҳ.Иброҳимов, ки дар суди Олӣ ба кор рафта буд,барои нигоҳ доштани обрӯву нуфузаш бо ҳар роҳ кушишҳо намуда истодааст) сади роҳашон гашт, ки корашон нобасомон дар нимроҳ монд, меандешам ба худ.

**Мо давомдиҳандаи корҳои нотамому роҳҳои нопаймудаи Шумоем, устоди зиндаёд!**

**Адолатҷу**

## АЗ ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Матбуот ин оинаи миллат аст, ки ҳусну қубҳи ҷомеаро инъикос намуда, онро мавриди баҳсу таҳлил қарор медиҳад. Он як навъ пайвандгари халқ бо Ҳукумат ба шумор рафта барои ҳаллу фасл намудани ҳама гуна масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. Аз ин ҷост, ки дар ҳама давру замонҳо матбуот рисолати худро иҷро карда барои баёни ҳақиқати асил ҳатто ки қурбониҳо кардааст. Матбуоти тоҷик он қадар роҳи дуру дарози таърихӣ надошта бошад ҳам, давраҳои ҳассосеро аз сар гузаронида, дар кураи ҳаводис обутоб ёфта аст. 11 марти соли 1912 бо ташаббуси равшанфикрони Бухоро, ки онҳоро пайравони ҳаракати «ҷадидия» мегуфтанд, аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ бо номи «Бухорои Шариф» нашр гардид. Ношири ин рӯзнома матбааи хусусии яҳудитаборе бо номи Л.Н. Левин дар шаҳраки Когони Бухоро воқеъ буд. Муассисони ин рӯзнома тоҷири Бухоро Мирзо Муҳиддин Мансуров (Мансурзода) (солҳои 1862-1934) ва шоир, сайёҳ, ҳаким ва адиби шинохта Мирзо Сироҷи Ҳаким (солҳои 1877-1914) буданд. Муҳарририи рӯзнома ба уҳдаи яке аз донишмандони забону адабиёти форсии тоҷикӣ, адиб ва журналисти маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода (солҳои 1862-1931) гузошта шуда буд. Маорифпарварони тоҷики Бухоро мудири матбаа Л.Н. Левинро дар хусуси фоидаи зиёд ба даст овардан аз чопи ин рӯзнома ташвиқ карда.инчунин ба Консулгарии Империяи Россия дар Аморати Бухоро мактуб навишта, таъкид карданд, ки таъсиси чунин рӯзнома ба муносибатҳои тиҷоратии Бухорову Россия кӯмак хоҳад расонд. Онҳо барои итминони амири Бухоро Мирзохоҷа Мирзобадаловро, ки дар Консулгарии Россия дар Бухоро тарҷумон шуда кор мекард ба ҳайси мудири масъули нашрия муаррифӣ карданд. Рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар маркази маорифпарварӣ қарор дошта, хонандагони худро бо забони сода аз воқеаҳои ҷаҳон, масъалаҳои гуногуни таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабиёт ва ғайра огоҳ мекард. Дар саҳифаҳои он маводҳо оиди зарурати омӯхтани илму дониш бештар чоп мешуданд. Сафи хонандагон ва ҳаводорони рӯзнома рӯз то рӯз меафзуд. Аммо мутаассифона ин рӯзнома танҳо ба теъдоди 153 шумора нашр гардид ва пас аз он баста шуд. 2 январи соли 1913 аз ҷониби Консулгарии Россия дар Бухоро ба унвонии идораи нашрия мактуб омад ва дар он хабари баста шудани рӯзнома тавассути амири Бухоро дарҷ гардида буд. Имрӯз ҷойи хушбахтӣ ва хушҳолист, ки бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварамон замина ва фазои мусоид барои рушду нумуи матбуот фароҳам омадааст. Алҳол бештар аз 600 рӯзномаву маҷаллаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ фаъолият доранд, ки ин аз фозои кушоди иттилоотии кишварамон дарак медиҳад. Аз соли 1996 ин ҷониб ҳамасола 11 март дар сар то сари кишвари азизамон ҳамчун Рӯзи матбуоти тоҷик қайд карда мешавад. Мо коллективи омӯзгорони МТМУ-и № 50 тамоми коркунони соҳаи матбуот, махсусан аҳли эҷоди рӯзномаи ноҳиявии «Тахти Қубод» - ро ба муносибати иди касбиашон-Рӯзи матбуоти тоҷик табрик намуда,барояшон пеш аз ҳама тани сиҳату хотири ҷамъ ва дар фаъолияти эҷодӣ барору комёбиҳо таманно дорем. Иди касбиатон муборак дӯстон!

**Маҳмудҷони Абдулаҳад**

## 11-МАРТ –РӮЗИ МАТБУОТ

Бигӯям ман салом, аҳли қаламро,
Ба фазли ин калом, ахли каламро.
Бубинем розҳое гар кушода,
Вале ҳам нотамом, аҳли қаламро.
Кашанд бар риштаи назм некӯвонро,
Сано хонанд мудом, аҳли қаламро.
Дуруғе рози рӯзгор созанд ошкор,
Кунанд сайде ба дом, аҳли қаламро.
Зананд санги маломат он ҳасудон,
Бихоҳанд интиқом, аҳли қаламро.

**Шералӣ Шехвалӣ**

## МАТБУОТ, ЖУРНАЛИСТ ВА РӮЗНОМА АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНУ ДОНИШМАНДОН

Ҳар кавме, ки рӯзнома надорад, гуё ки забон надорад. Яъне кавми бе рӯзнома мисли одами безабон аст.

**Садриддин Айнӣ,**
**Каҳрамони Точикистон**

Рӯзнома роҳи ҳақро ба инсон нишон медиҳад, рӯзнома мактаби тарбия аст.

**Махмудхуҷаи Бехбудӣ,**
**маорифпарвари тоҷик**

Матбуот дили замон аст, дил аз кор монад, забон ҳам нест.

**Мирзо Турсунзода,**
**Қаҳрамони Точикистон**

# АХБОРИ ОММА ДАР ҶОМЕА

Бояд эътироф кард, ки рӯз то рӯз мавқеи ВАО дар ҷомеаи навин муассиру фаррохтар гардида, фаъолияти кормандони он низ беҳтар шуда истодааст. Имрӯз ВАО ҷузъи асосиву ҷудонопазири ҳаёти мардум гардида, дар доираи фаъолияти он тарзи муносибату зиндагӣ ба таври васеъ инъикос меёбад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол «озодии сухан ва матбуот муайянкунандаи асосии низоми он мебошад», ки дар доираи қонуну санадҳои ба тасвиб расидан соҳаи ВАО амалӣ мегардад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки баҳри ривоҷи фаъолияти озодбаёни расонаҳои хабарии кишвар ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари давлат шароити мувофиқ мусоил фароҳам сохтааст, то ин ки ваъзияти ҷумҳурӣ воқеӣ инъикос гардад. Ин нуқта дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст зикр ёфтааст, ки «озодии сухан, озодии виҷдон ва гуногунандешӣ, ки рукнҳои асосии давлати демократӣ мебошанд, бояд дар доираи қонун сурат гиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ суботи ҷомеаро халалдор насозанд», Нақши ВАО дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, рушди босуръати соҳаҳои ҷомеа, таблиғи расму оинҳои миллӣ, тарбияи ҳуқуқиву ахлоқӣ ва беҳ гардонидани зиндагии шоиста хеле назаррас аст. Дар тӯли таърихи башарият, сафарбаркунии омма ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ, пойдории ваҳдату истиқлолияти миллӣ, таъмини якпорчагии мамалакат, ҳифзи марзу бум, дӯстиву рафоқат миёни халқу қавмияҳо, тарбияи маънавӣ ва саҳм гузоштан дар ин ҷода кори ВАО бештар аён мегардад.Бо истифода аз ин имкониятҳои дар ихтиёрдошта ВАО имрӯз дар ҷомеа маҳбубияти хоса пайдо кардааст. «Мардум ба ВАО эътимоду эътиқод доранд ва намоишхои симо ва гуфторҳои садоро меписанданд. Ин ҳолат ба мо имкон медиҳад бигӯем, ки кормандони ин дастгоҳҳо низ дар роҳи дигаргуниҳои азими кишвар саҳми шоиставу боистае гирифта метавонанд»- қайд кардааст муҳаққиқ О.Салимзода. Воқеан ҳам рӯзноманигорон қаҳрамони даврони худ ҳастанд зеро бо пешниҳоди маводи хуб ҷомеаро ба ислоҳи нуқсону камбудиҳо ва расидагӣ ба мушкилоту муаммоҳои ҷомеа, ҷӯйгоҳи арзандаву шоистаеро соҳибанд. Нисбати кори ВАО ва фаъолияти журналистон, ки дар ин роҳи мушкил доранд ханӯз олимону файласуфон ва донишмандон баҳои баланд додаанд. «Аз даҳ журналист метавон даҳ вазир сохт вале аз даҳ вазир як журналист ҳам наметавон сохт» гуфтааст Отто Бисмарк.

# ОҒОЗИ СОЛ АЗ НАВРӮЗ ИБТИДО МЕГИРАД

Яке аз одатҳои мардум дар айёми омад- омади Наврӯз дар зарфҳо сабзонидани гандум аст. Дар яке аз ривоятҳо оиди сабаби пайдо шудани ин таомул гуфта шудааст: «Ҳангоме ки Ахриман ба замин хушксолиро овард ва дар натиҷаи он қаҳтӣ омад, шоҳи Эрон Ҷамшед бар зидди ӯ баҳри рафъи хушксолӣ ва қаҳтӣ бархост.Дар ин муҳорибаи шадид Ҷамшед ғалаба ба даст овард ва ғанимӣ ба Ватан баргаштан тамоми растаниву наботот сабз гашта буд. Аз ин сабаб мардум ин рӯзи фирӯзро Наврӯз номида, оғози солро аз он ибтидо карданд. Аз ҳамин рӯз эътиборан онҳо дар зарфҳо гандум кошта онро сабзонида ин одатро урф карданд». Оиди дар ҳар як хонавода пайдо шудани ин урф мутафаккир ва олими забардасти Шарқ Абурайҳон Берунӣ дар асари машҳури худ«Осор-ул боқия» гуфтааст: «...Дар ҳар хоне барои эҳтироми ин рӯз дар зарфҳо гандум месабзониданд».

Дар ҷомеа ақидае ҳаст, ки гӯё фарҳанги Наврӯз,яъне фарҳанги Эрони қадим бо фарҳанги Ислом мувофиқат намекунад.Дар ҳақиқат дар гузаштаи дур ҳамин тарз буд. Вале оҳиста-оҳиста бо мурури замон дар натиҷаи омезиши арабҳо бо аҷамиён ин ду фарҳанг бо ҳам созиш намуданд. Сабаби асосӣ дар он буд, ки аҷамиёни баландмартаба дар аҳди халифаҳои араб бо онҳо муносибати зич пайваст намуда, тавонистанд онҳоро барои монеъ нашудан ба ин ҷашн розӣ кунонанд,гарчи халифаҳои Аббосӣ аз ҷиҳати принсипноки зид буданд, вале бар ивази мукофот розӣ мешуданд.Вале бо шарофати Абу Муслим роҳбари шӯриш зидди умавиҳо, тақдими ҳадя барои таҷлили Наврӯз барҳам хурда, баракс халифаҳои Аббосӣ дар айёми таҷлили Наврӯз аҷамиҳоро бо ин ид муборакбодӣ карда, ба муносибати фарорасии Соли нав тӯҳфаҳо мефиристоданд. Пас агар халифаи араб ба ин падидаҳо ризоӣ дода бошанд эродҳои ин «донишмандон» арзише надорад, дар навбати худ мардуми аҷамиён барои арабҳоро аз нияти бади зидди Ислом надоштан ин чашнро бо қироати Қуръон оғоз намуда чорабиниҳои гуногуни динӣ мегузарониданд.

Аз китоби олими маъруфи наврӯзшиноси Эрон Баҳори Созманд «Наврӯз» бар меояд, ки имомони Исноашариа, ки авлодони мустақими Пайғамбари Ислом(с) буданд барои ҷашни Наврӯз монеъ намешуданд. Пас агар авлодони мустақими Пайғамбари Ислом (с) ба ҷашни Наврӯз монеъ нашуда бошанд ба ин «донишмандон» маъни ҷашни Наврӯзро кӣ мондааст? Порчаи шеъри зерин дар Эрон давлати теократи аҳолии ин сарзаминро аз фарорасии Наврӯзи хуҷастапай огоҳ месозад.

**Ба Ёсин ва Алифлом**
**ва ба фирӯз**
**Диҳад мужда, ки**
**омад иди Наврӯз.**
**Ё ин ки:**
**Гул дар гулистон омад**
**Булбул ба бӯстон омад,**
**Эй умати Муҳаммад,**
**Наврӯзи султон омад.**

Агар ин «донишмандон»-и Ислом ба мусалмонии арабҳо пайрави кардан хоҳанд, пас чаро ҳамаҷихата неву сар-сарӣ пайравӣ мекунанд. Онҳо бештар ба он ҷизҳое, ки барояшон суд меораду аз он манфиате мебардоранд такя намуда, гулчин мекунанд. Вагарна бояд нек бидонанд, ки дар мардуми араб одати хатнакардани духтарон маъмул аст, пас суол матраҳ аст, ки чаро ин «донишмандон»-и исломшинос дар пайи «озор»-и духтарони худ нестанд?

**Ҳоҷӣ Акбар Насимӣ**

# ТАЪЗИЯ



**Аҳлиддин Авғонов** иштирокчии Иҷлосияи ХУ1-ум, вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1985-1990 ва 1990-1995), раиси хоҷагии собиқ "50- солагии СССР " (имрӯза "Авесто"), раиси ҷамоати деҳоти "Тахти сангин" (солҳои1993-2006), ҳамчун яке аз шахсиятӣ обрӯманди Ҷумҳурӣ, ки соли 1993 дар баргардонидани гурезаҳо аз хоки Афғонистон саҳми намоён гузоштааст, баъди бемори начандон тӯлонӣ аз олам даргузашт.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат аз даргузашти **Аҳлиддин Авғонов** сахт андуҳгин буда, ба оилаи марҳум, наздикону пайвандонашон ҳамдардии амиқи хешро баён менамоянд ва аз даргоҳи Худованди муттаъол сабри ҷамил хоҳонанд. Худованд руҳу арвоҳи ин шахси наҷибро шод ва дохили Биҳишти амбарсиришт бигардонад

****

Коллективи омӯзгорони МТМУ-и рақами 1 ба собиқадори соҳаи маориф, устоди азиз Неъматулло Файзиев даргузашти бародарашон **Файзиев Турсуналӣ-ро** тасаллият гуфта, барои марҳум дар охират аз Худои таъолло манзили обод талаб доранд.

***

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён ва ҳайати эҷодии рӯзномаи «Тахти Қубод» нисбати даргузашти собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Тахти Қубод», рӯзноманигори варзидаи ҷумҳурӣ **Бердиев Турсунмурод** изҳори тасаллият намуда, ба аҳли хонадонаш сабри ҷамил мехоҳанд.

# ЁДБУД



Ҳамасола санаи 11 март-Рӯзи матбуоти тоҷикро барои мо журналистон аввалин шуда Атоев Имомуддин муборакбод мегуфтанд. Соли 2016 дар таърихи рӯзи касбиамон чун ҳамешагӣ ба идораи рӯзнома омада якояки моро бо таманниётҳои нек шодбош гуфтанд. Ва ин охирин дидори мо бо дӯсти қадрдон хонандаи закитаъби рӯзнома Имомуддинамак буд.

Он рӯз ба сари аҳли ин хонадон мусибати сахт омад. Шаш нафар хоҳару бародарон аз сутуни хонадон, меҳрубониҳои волидони хеш ба як умр маҳрум гардиданд. Ҳам модару ҳам падари бузургворро дар як рӯз аз даст доданд. Марги нобаҳангом, дасти аҷал дуи онҳоро гиребонгир гашт. Дар таърих кам ба вуқӯъ мепайвандад ҳодисоте чун марги Лайлию Маҷнун, Фарҳоду Ширин, Тоҳиру Зӯҳро, ки инсоният мислашро надида. Шояд аҳду паймони вафодорӣ ба ҳам баста буданд, ки ба хонаи охират дар як рӯз роҳӣ гаштанд.

Рӯзҳо мегузарад, баҳорон чодари гулдӯзи ба сар меҳмони бому дари мо мегардад, лек аз рафтагон танҳо ёди нек боқӣ мемонад.

**Ёдатон ба хайр, хонаи охирататон пурнур бод, ай дӯсти гиромиқадр!**

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!



**Шодем, ки чунин пири доно дорем,**
**Дар хонаи эҳтироми ӯ ҷо дорем.**
**Ӯ фахр аз он кунад, ки минбар дорад,**
**Мо фахр аз он кунем, ки Исо дорем.**

Устод Муҳаммад-Исо Абдуллоев-ро аҳли эҷоди «Тахти Қубод» ба рӯзи мелодашон табрик намуда, ба эшон тансиҳативу хушбахтӣ ва дар корҳои эҷодиашон муваффақиятҳои нав ба навро орзумандем!

**Немат Муҳаммад Саид !**



Шуморо ба ҷашни фархундаи зодрӯзатон табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароятон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд таманно дорем . Бигзор ҳеҷ гоҳ саломатӣ, ҷақонӣ, хушбахтӣ кошонаатонро тарк насозад.

**Шумо чун нури хуршеди самоед,**
**Ба мо дар зиндагонӣ раҳнамоед.**
**Шукуҳу равшании хонадону**
**Азизу мушфиқи ёру дӯстонед.**

**Бо эҳтироми самимӣ**
**аҳли қалами «Тахти Қубод».**

***

# БА ҚУЛЛАИ 70 – МАРҲАБО!

Қуввати Дод фарҳангшинос, нависанда, муаллифи китоби тозанашри «Сафарнома» 10-март 70 сола мешаванд. Устод солҳои тӯлони мудири бахши фарҳанги ноҳияро ба дӯш дошта дар рушди фарҳанг ва тарбияву ба камол расонидани кадрҳои болаёқати ин соҳа саҳми арзишманде гузоштаанд. Мо устодро ба ҷашни камолоташ, ба сини муборакаи 70-солагӣ қадам гузоштанаш аз номи ҳайати эҷодии рӯзномаи «Тахти Қубод» ва хонандагони бешумори эҷодиёташ самимона муборакбод гуфта, тансиҳативу барори корҳои эҷодиашро хоҳонем. Ва дар охир шеъри Шералии Шехвалиро ҳамчун тӯҳфа аз шогирдаш тақдимашон менамоем.

Дар авҷи Баҳори ҳафтод монда қадам,
Таърихи Ватан менависӣ ҳар дам.
Эзид диҳадат умри дарози бегам,
То ки бишавӣ ба дарди миллат малҳам.
Таърихи кӯҳан зи нав бунёд кунӣ,
Моро шинос ба Тахти Қубод кунӣ.

Аз Қаълаи Миру Тахти Сангин гӯи,
Мамнун аз он, ки халқи худ шод кунӣ.
Эҳё бикунӣ зи нав таърихи кӯҳан,
Гӯи зи Қубоду Тахти Сангин сухан,
Аз Теппаи Шоҳу Қалъаи Мир ҳаме,
Буданд ҳама гузаштагоне зи Ватан.

# МОДАР

Ризои Ҳақ ризои модарон аст,
Чу модар ҳаст баҳорат бехазон аст.
Магар нашнидаӣ қавли паямбар,
«Биҳишт дар зери пои модарон аст»

Ба ҷуз модар касе ғамхор набошад,
Сари гаҳвораат бедор набошад.
Ҳама ҳастии худ, балки ду олам,
Фидо созӣ барояш ор набошад.

Хушо бар ҳоли ту, гар модарат ҳаст,
Зиёву нур бар чашми сарат ҳаст.

Ғанимат дон умре хидматаш кун,
Чу модар ҳаст, ҳама чиз дар
барат ҳаст.

Расӣ худ то ба гардун аз дуояш,
Бикун сурма ба дида хоки пояш.
Агар хоҳӣ зи умр осудагиро,
Ҳама чизро фидояш кун, фидояш.

**Маҳмудҷони Абдулаҳад,**
**мухбири ҷамоавии**
**«Тахти Қубод»**

# БАЙРАМИНГИЗ МУБОРАК, АЗИЗ АЁЛЛАР!






## ОНАЖОН, ДУНЁДА МЕНГА СЕН КАБИ ҒАМХОР ЙЎҚ, МЕҲРИБОН,МУНИС,ҲАБИБ,ДИЛБАСТА,НОЗБАРДОР ЙЎҚ.

## ГЎЗАЛЛИК- ОНАЛАР БИЛАН МУКАММАЛ

**Нур эдим кўзларда ёнган, гулда пинҳон бол эдим,**
**Бўлдим инсон сен туфайли, бунда сир-асрор йўқ.**
**Ўлмасинг озорини кечдинг ҳамиша,онажон,**
**Сен томонингдан вале унга бирор озор йўқ.**

Она гулга, бола лолага қиёс. Оналар байрамининг баҳор фаслининг биринчи ҳафтасида нишонланиши унинг гулдек ифору нафосатини баҳорга қиёсланганиданмикан? Баҳор келиши билан она юзидек осмон ёришади. Баҳор келиши билан она алла айтганидек, сойлар куйлай бошлайди. Дилдаги меҳрини тўкиб худди онадек , булбул гулга розини айтиб куйлай бошлайди.Она ички оламидек табиат рагин бўлиб кетади.Онани кўриб унинг гулдек боласи яйраб кетганидек, тоғ-тошлар кўм-кўк тўнин кийиб, гул-лолалар, чучмомалар, сияҳгўшларга бағрини очиб беради. Қишнинг қаҳратонида қотган музликлар севинчдан йиғлагандек, пастга, даралarga оқади. Она кўксидан тўйиб эмиб, чопқилаб ўйнаб кетган болакайдек, кўм-кўк дала, қир-адирлар, даштлар ҳам юм-юм йиғлаб пастга энаётган муз сувлардан тўйиб-тўйиб, қониб-қониб симиради. Тоғ қояларида лола кўринади. Пастликларда кўм-кўк майсалар : оқ ва сариқ гуллар юз кўрсатади.Бахмал майсалардан пойандозлар тўшалади. Унга ётиб олиб осмонга тикилсанг тип-тиниқ осмон худди пасайгандек бўлиб кўринади. Оналар байрами худди баҳордек гўзал. Унинг қадрига ет. Аёлни эъзозла. Бири онанг, бир қизинг, бири синглинг, бири опанг. Онанг хизматидан бўйин товлама. Она рози, Аллоҳ рози. Пайғамбаримиз Муҳаммад (с) демиш "Жаннат оналар оёғи остидадир"



Бирингиз қизим , бирингиз жон синглим,
Бирингиз опам, бирингиз севиклим.
Бирингиз мушфиқ онамсиз, меҳрибон,
Бирингиз жонимсиз, бирингиз таним,
Бирингиз холамсиз холам ўрнида.
Бирингиз онамсиз ,онам, чин сўзим,
Ортгансиз дунёнинг ташвишин бошга,
Сизга тўзим берсин, тўзим Илоҳим!
Муҳаммад Исо дер: сизлар дуогўй,
Сиз дуо қилсангиз, рози Худойим.

## ЖАННАТ ОНАЛАР ОЁҒИ ОСТИДАДИР

Вафо ҳазратларининг ривоятига кўра Барча жаннат аҳли оналарга тож кийдиришга йиғилишар экан. Ўртага кўзни қамаштирувчи нур билан фаришта чиқаркан Қўлида тож. Тождан чиаётган нур олдида малакнинг нури хира тортиб қолар экан.Фаришта тожни баланд кўтариб:"Тож жаннатдаги оналарга кийдирилади. Бу махсус тож, ундаги ҳар бир тожни Аллоҳ танлаган!",-деб тождаги тошларни таърифлаб кетар экан."Биринчи жавоҳир-зумрад оналарнинг иродаси ва сабри учун. Сиз,оналар кечалари бедор фарзандингиз уйга қайтишини , арзимас бўлсада, жароҳатлари битишини кутдингиз.

Ёқут-болаларни тўғри бошлаганингиз учун. Агар Ҳақ ва унинг амирларини ўргатмаганингизда улар бу ерда сиз билан бирга бўлмасдилар. Керак пайтида улар ёнида бўлиб, алоҳида вақт ажратганингиз ҳамда меҳр-муҳаббатингиз учун ушбу феруза тош тожингизга қўйилди.

Бу лаъл намоз ўқиб, дуо қилиш билан ўтказган пайтларингиз, болаларингиз Аллоҳга иймон келтиришлари ва унинг раҳматига сазовор бўлишлари учун илган дуоларингиз ҳақигадир.

Тожнинг тўрт жойига жойлаштирган марваридлар фидокорлигингиз учун, Фарзандларингиз бу фидойилигингизнинг баъзиларини билади. Баъзиларидан эса бехабар. Сиз улар фидокорлик қилмоғи учун кўп фидокорликлар қилгансиз.

Ва ниҳоят, жавоҳирлар ичида энг каттаси-олмос болалари вафот этган оналар учун. Улар фарзандларини ўзларидан аввал жўнатдилар. Бу олий фидойилик мана шу қиматбаҳо тош билан тақдириланади.

Фаришта тождаги тошларни таърифлаб бўлгач,

-Бу тож билан оналарнинг гўзаллиги таърифланади.Жаннат гўзаллиги оналар билан мукаммалдир. Чунки жаннат оналар оёғи остидадир.

## ДОНОЛАР ДЕЙДИЛАРКИ..

"Она ҳаққига диққатли бўл, уни бошингга кўтар. Зеро, оналар тўлғоқ машаққатини чекишни бўйнига олмаганларида чақалоқлар дунёга келиш учун йўл тополмас эдилар" Мавлоно Жалолидд ин Румий.

## ТАЖРИБАЛИ ҲАМШИРА

Бердиева Зебо Чориевна бу йил 15 майда 54 баҳорни қаршилайди. Унинг умр баҳорида тўрт гул-тўрт фарзанд очилган. Уларнинг уч нафари ўғил ва бир нафари қиз. Улар Зебонинг умр чаманида очилган бетакрор, гўзал гуллар, ифори дилга ором берувчи муаттар гуллар.

Уларнинг камолини кўриб дили яшнайди, ҳаётга завқи ошади. Яна ҳалол меҳнат қилгиси, ҳалол яшаб Ватан ободонлигига, эл соғлигига ҳисса қўшгиси келади. Ўз касбини – тиббий ҳамшираликни севади. Эрталаб корхонасини, ишини соғиниб туради, гўё.

Дарвоқе, Зебо Чориевна Бердиева 1983 йилда ноҳияда очилган Қўрғонтепа тиббий билим юрти умумий ҳамширалик бўлимига кириб, бу соҳа сирларини ўрганди. Тиббий билим юртини битиргач , поликлиника ва беморхона бўлимларида тиббий ҳамшира бўлиб ишлаб бу соҳада етарли тажрибага эга бўлган. Малака ошириш курсларида ўқиб, 1999 йилдан буён ноҳия марказий касалхонаси кардиология бўлимида ЭКГ тиббий ҳамшираси бўлиб фаолият юритмоқда.



**Суратда: ноҳия марказий касалхонаси кардиология бўлими ЭКГ тиббий ҳамшираси Зебо Бердиева .**

## САККИЗЛИК

Бу бахтли халқим ҳаёти,
Бу пешвом шарофати.
Урушлар топди барҳам,
Юртда тинчлик чинакам,
Сўзлашиб икки тил билан,
Эркин яшарман эл билан,
"Бахтлиман" десам арзийди,
Тожигим ўзбегим билан.



**Суратда: Носир Хусрав қишлоқ жамоати маҳалла раиси Зайнура Яхшиева (ўнгда)ноҳия фаол қизлари билан.**

**БУГУН АЁЛ РОҲБАР , ТАДБИРКОР**

## ХОТИН-ҚИЗЛАР САРВАРИ



**Суратда : Хосият Зарипова миллий либосда.**

Ноҳия ҳукумати хотин –қизлар билан ишлаш бўлими мудири Хосият Зарипова ноҳиянинг энг ташаббускор, тадбиркор, уддабурро аёларидан ҳисобланади. Ноҳияда ўтказилган барча тадбирларда бош-қош. Шунинг учун юз-кўзидан нур ёғилиб турган бу аёлни катта-кичик танийди. Хотин-қизлар орасида давлат ва ҳукуматимиз сиёсатини тушунтиришда, Тинчлик ва миллий бирлик Асосчиси-Миллат пешвоси Тожикистон Республикаси Президенти муҳтарам Эмомали Раҳмоннинг дастур ва кўрсатмаларини амалга жорий этиш ва тушунтириш ва таблиғот ишларида фаъол. Сиёсий жиҳатдан ҳушёр, нотиқ ва етакчи. Х.Зарипова кўп йиллардан бери маорф ва давлат идораларида фаолият юритиб, билим ва малакаси мукаммаллашди , камолга етди.

## ОНАЛАР БАЙРАМИ ТАЪРИХИ

**Зулму истибдод ва ҳақ-ҳуқуқнинг камситилишига қарши аёллар ҳам бош кўтаришган. Шундай аёллардан бири шижоатли курашувчи аёл Клара Сеткина Парижда 1899 йилда аёллар ҳақ-ҳуқуқини ҳимоя этиб, чиқишлар қилган. У Россияга ҳам келган. Унинг ташаббуси билан 1912 йил 8 март кунидан бошлаб хотин – қизлар байрами байрам қилиб келинади.**

Тинчлик ва миллий бирлик Асосчиси Тожикистон Республикаси Президенти Жаноби Олий муҳтарам Эмомали Раҳмон ташаббус ва имзоси билан эндиликда 8 март- Оналар байрами сифатида байрам қилиниб келинади. Тожикистонимизда аёл мавқеи баланд . Улар эркаклар билан бир қаторда туриб мамлакатимизнинг иқтисодиётини кўтаришда жонбозлик қилиб келмоқда. Қарийб 35 фоиз аёллар давлат ва ҳукумат органларида раҳбарлик лавозимларида фидокорона меҳнат қилишмоқда. Улар орасида Вазир ўринбосарлари турли кумиталар раислари ,ташкилот ва муассаса раҳбарлари, олималар, профессорлар муаллима ва шифокорлар бор. Ноҳиямизда ҳам уларнинг сони жуда кўп. Ноҳия иқтисодий тараққиёти ривожига ҳисса қўшиб келишмоқда. Улар номини тилга олмасак ҳам кўпчилик уларни танишади. Илғор муаллиммалар С.Атоева. Шоира Назокат Олимова ноҳия ҳукумати раиси муовини Т.Шарипова, ноҳия ҳукумати бўлим мудири Х.Зарипова, муаллима З Исмоилова, ноҳия ички ишлар ходими Фируза, санъаткор З.Атоева каби ўнлаб фидойи аёллар бор.

Аёл энг аввало она. Унинг таърифига тил ожиз Уни куйламаган уни севмаган ким бор. Ким унинг ҳаёт сарчашмасидан баҳра олмай улғайган? Мен-мен деган машҳурларнинг ҳам онаси бўлган. Она яратувчи. Она оила безаги .Оила қўриқчиси. Оила олови посбони Она меҳр ўчоғи. Она бошдаги тож. Она десам қалбимдан меҳр жўшиб чиқади. Тилимга кўчиб ғазалга айланади.

**Бошимдаги тожим онам,онажон,**
**Кўксимдаги қўрим, онам, онажон.**
**Менга келган**
**балоларга қалқоним,**
**Тўмарисдек зўрим, онам, онажон.**
**Юрган йўлим ёритади фонусдек,**
**Чарақлаган кўзим онам, онажон.**
**Иймонимдек**
**асраганим, гавҳарим,**
**Нурга тўлган юзим,**
**онам, онаждон.**
**Муҳаммад Исо, дер**
**дилдан қувониб.**
**Жаранглаган созим,**
**онам, онажон.**

**Муҳаммад Исо**

## ЯНА ЖЎШҚИНРОҚ БЎЛҒАЙ, САЙХУН ЖАЙХУН ЖИЛОСИ

Ўзбекистон Республикаси Президенти муҳтарам Шавкат Миромонович Мирзиёев ва Миллат Пешвоси Тожикистон Республикас Президенти Эмомали Раҳмон Жаноби Олийларига




**Меҳр қуёши гўё икки эл кўкин ёпди,**
**Гўё булбул чамандан ўзин гулини топди.**
**Гўё сут ила шакар ширу шакар бўлгандай,**
**Гўё дўстлик осмони муҳаббатга тўлгандай-**
**Тожик-ўзбек дўстлиги кийди янги тўнини,**
**Бир-бирисиз ўтказа олмас асло кунини,**
**Яна жўшқинроқ бўлғай Сайхун, Жайхун жилоси.**
**Минг йилларни ёритар энди Бугун жилоси.**
**Шавкат-у Эмомали очса бир-бирга қучоқ,**
**Тожик –ўзбек бахти-чун не керакдир, эй ўртоқ!**
**Бир олма икки қисми азалдан икки халқ,**
**Азалдан ҳам бир-бирига меҳри уриб келган барқ,**
**Урфу одат, дини бирдир, бирдир ҳатто мазҳаби,**
**Кўз очгандай гўё бирдир тарих отлиқ мактаби.**
**Бир айтилган ҳар доимо зафарларин қўшиғи,**
**Яқин қўшни, биродарлик қўшиқларин жўшиғи.**
**Нотинч замон имтиҳонин ўтказса-да, музаффар,**
**Энди шаксиз ҳар куни ҳам берар зафардан хабар.**
**Неъматулло фахр ила гуллаверсин, дер Ватан,**
**Керак бўлса, фидо бўлсин шул ватан-чун жону тан.**
**Неъмат Муҳаммад Саид**




## АЁЛЛАРНИНГ ЖАСОРАТИ ЭРКАКЛАРДАН КАМ ЭМАС



**Суратда: ноҳия ШВКД милитсия подполковниги Абронова Фирўза Абдулазизовна (суратда чапда)**

Тарихда ўз шижоати ва ва қаҳрамонлиги, жасорати ва ақлу идроки билан ном қолдирган аёллар жуда кўп бўлган. Улар тарихнинг қаърида ҳамон зуҳро юлдуз мисоли нур сочиб тургандай. Номи ҳануз тилларда достон. Яхши ном қолдирганлар ҳамиша тилларда ва дилларда.Фикримиз холи бўлмаслиги учун тарихий далилларга суянайлик.Номи Қуръонда муҳрланган Билқис, Пайғамбаримиз Муҳаммад (С) нинг оналари Омина, аёллари Хадичаи Кубро, Ойиша онамиз, қизлари Фотимаи Зуҳро, араб маликалари Озод, Маликахотун, Саида, Шоҳбонухотун, Хайринисобегим, Шоҳбону Меҳриниссо, Меҳринисои Нуржаҳон, ширинсухан форс-тожик адабиёти шоираси Зебуниссо, ўзбек шоираси Нодирабегим, ёинки миср маликаси Клеопатра, румлик Ирина, шотландиялик Мариа Стюарт , англиялик Елизавета 1, Виктория , Елизавета 2, россиялик Екатерина 2, австриялик Мариза Тиреза, англиялик Маргарета Тетчер, филлиппинлик Карасон Акино, ҳиндустонлик Индира Ганди, покистонлик жасур аёл Беназир Буҳуто ва бошқалар номини келтириш мумкин.

Аёллар ақлу идрок ва фаросатда ҳам эркаклардан қолишмаганлар. Қўқон хони Амир Умархоннинг( Умархон Нодирага ишқи тушиб, 1808 йилда уни ўз никоҳига олган) хотини таниқли шоира Макнуна тахалуси билан ҳам ғазал битган Нодирабегим машҳур шоира бўлган У ҳақида Мавлоно Нодир деган шоир “Карам бобида юз эрдин зиёда эрди” деб баҳо берса, Шоир Ҳотиф “ Ақлу дониш ва яхши фазилатлари билан нодираи даврон” деб баҳолаган.

**Гар одамсан, муҳаббат**
**ихтиёр эт.**
**Ҳар кимда бор эрса**
**осори муҳаббат,**

Айлар анга маҳбублар изҳори муҳаббат,-соф ва ҳақиқий муҳаббатни тараннум этган. Нодира тожик тилида ҳам ғазаллар битган.

**Дар манзиле ки ҷилваи рухсори**
**ёр шуд,**
**Жаннат шуду чаман шуду,**
**гул шуд, баҳор шуд.**

Нодира 30 ёшида эри Умархон (1822 йилда) вафлот этиб, бева қолади. Ўғлини тахтга ўтирғизиб, унинг давлатни бошқаришига ёрдам беради.

Хон саройида Увайсий бошлиқ адабий маҳфил ташкил қилиб, ёш истеъдодларни тўплаб, уларга ҳомийлик ва раҳномалиқ қилган. У турмуш ўртоғи Умархонни жондилидан севган.Айтишларича, бир кеча амир Умархон маст бўлиб келиб, хотини Нодирабегим билан уришиб қолади. Қаҳр устида Амир Умархон Нодирабегимга қараб:

-Керакли нарсангни олгин-да , уйдан чиқиб кетгин,-дейди.

Шунда Нодирабегим аравани созлатиб, унга маст бўлиб ётган эри Амир Умархонни солиб , она диёри Андижонга қараб йўл олади. Тун салқинида ярим йўлда Амир Умархон мастлиги тарқаб, ҳушга келади. “Қаерга олиб кетаётибсан ?”,-дея сўрайди.

Шунда Нодирабегим “Ахир ўзингиз, керакли нарсангни олиб уйдан кет”,-дедингиз.” Айтганингизни қилиб, ўзимга керакли нарсани олиб, она шаҳрим Андижонга кетаяпман “,-дейди Нодирабегим. Шунда Амир Умархон унинг фаросати ва зийраклигига тан бериб, саройга қайтишни буюради. Яна Нодирабегимга бўлган муҳаббати ошади.

**А. Муҳаммад Исо**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Номаи камоли гумшудаи силсилаи А №536906, ки онро МТМУ № 1 соли 1977 ба Худоёрова Зулайхо Тошпулотовна баъди хатми синфи 10 додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи БР №112663, ки онро МТМУ № 34 соли 1994 ба Хоҷаев Шухрат Таҷимурадович баъди хатми синфи 11 додааст, эътибор надорад.

ТАХТИ ҚУБОД
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён
САРМУҲАРРИР
САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ
Нишонии мо: 68943, н. Қубодиён, кўчаи И. Сомонӣ 88.

Рўзнома 23 декабри соли 2013 таҳти №0307/ рз дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рўзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дўш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

Телефон барои тамос: 93-842-36-25
Рўзнома бо теъдоди 3090 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.